ЉУМЊУРИИ ТОЉИКИСТОН

ДОНИШГОЊИ МИЛЛИИ ТОЉИКИСТОН

Ба њукми дастнавис

ИСКАНДАРЇ НАСРУЛЛОЊ

# Наќши тарѓиботии расонањо дар љалби сайёњон ба Эрон

## Мухтасари мўњтавои рисола

**Муњимиятии мавзўъ:** Асри XXI ба таърих чун ќарни рушди муносибатњои навин дар байни кишварњои мухталиф, тавсеаи иртибототи инсонї ва инкишофи љањонгардї ворид гардид. Аз љониби дигар сайёњї манбаи ѓанишавии буљаи кишварњо мањсуб меёбад. Кишварњои соҳибтаљриба барои љалби сайёњон ба кишварашон аз роњу усулњои гуногуни таблиѓотї истифода менамоянд.

Эрон дар шумули ١٠ кишвари ҷаззоби ҷаҳон барои сайёҳон маҳсуб мешавад. Дар ҳамин ҳол аз рӯи даромад ба буҷа аз соҳаи туризм дар дунё дар ҷои ٦٨-ум қарор дорад ва танҳо ١،٨ дар сади аҳолӣ дар ин соҳа машғуланд. Соњилњои дарё, љангалњои беназир, кўњистонњо бо ќуллањои њамешабарф, чашмандозњои кўњистон ва марказњои обии табобатї њамчун чашмањои маъданї, ёдгорињои меъмориву торихї, аз љумлаи муњимтарин омилњои љазби љањонгардон ба Эрон мањсуб мешавад. Аммо бо вуљуди омили фавќуззикр системаи љањонигардї натавонистааст Эронро ба унвони як кишвари туристї ба хубї муаррифї намояд. Аз ин рў, савол ба зењн хавотир менамояд, ки чї авомиле сабаби адами тавсиаи ин санъат дар кишвари Эрон шудааст? Чї омилњое њастанд ва ба кўмаки чї абзоре бо таваљљўњ ба ањдофи иќтисодї, иљтимої, сиёсї ва фарњангї метавон, сабаби равнаќ ва шукуфоии ин санъат шуд? Бидуни тардид таблиѓот омили асосї ва таъйинкунанда дар рафъи нофањмоињо ва мушаххас намудани посухи суолоти фавќ мебошад.

Дар партави густариши иртибототи мутаќобили байналмилалї, ки Созмони љањонгардї соли вуруд ба ќарни XXI-ро соли пайванди густариши иртибот ба љањонгардї донистааст, таблиѓоти мустаќим ва ѓайримустаќим ба унвони бахши умдаи фароянди иртибототи љањонї наќши асосї дар эљоди шинохт ва тавсиаи љањонгардї дар миёни миллатњо ифо хоњанд кард.

Љалби љањонгардон аз кишварњои мухталиф ва бо ангезањои фарќкунанда кишварњои мизбони љањонгардро низ водор намуда, то аз манобеи саёњатии худ суд бибаранд ва бо муаррифї ва таблиғот дар мавриди љозибањо ва манобеъ ва таљњиз кардани онњо гурўњњои мухталифи љањонгардро ба кишвари худ љазб кунанд.

Барои тавсеаи љањонгардї дар Эрон зимни тадвин як барнома замонабандї шуда, бар асоси њаракатњои санљида таваљљўњи кофї ба таблиғоти миллї ва байналмиллалї ва ироаи як модели матбуоти таблиғотии муносиб метавонад муњим ва њатмї бошад. Таблиғоти сањењ, усулї ва созанда дар дохил ва хориљ аз кишвар аз авомили муассири љањонгардї аст.

Инак, ки кишвари Эрон рукуди ин санъатро пеши рў дорад, лозим аст барои хуруљ аз рукуд ва табдили ин санъат ба як манбаи азими арзї дар тавсеаи иќтисодї, иљтимоии кишвар барномае густурда тарроњї ва иљро шавад. Бо ин рўйкард бидуни шак таблиғот як фаъолияти аслї ва аввалия дар расидан ба ин њадаф аст. Бо тавзењоти ироашуда баёни масъала равшан мешавад. Ин тањќиќ бо баррасї ва таљзия ва тањлили матбуоти таблиғотї, шиносоии нуќоти ќувват ва заъфи таблиғоти љањонгардї, чигунагї ва шевањои мухталифи матбуот, бахусус таблиғоти расонаї дар рўйкарди вижа ба таблиғоти миёнфардї, наќши таблиғот дар љазби турист ва тавсеаи љањонгардї дар Эрон ироаи як наќшаи муносибро мавриди ќабул ва баррасї ќарор медињад ва саъй менамояд пешнињодњо ва роњи корњое бо истифода аз шевањои навини асри бахши таблиғотї бо рўйкарди иртиботї барои љазби бештари љањонгардон, ба вижа кишварњои Осиёи Миёна, ки аз назари марзї њам ба Эрон наздик њастанд, ироа намояд.

**Дараљаи омўзиши мавзўъ:** Матбуоти таблиғотї ва гардишгарї дар њазораи сеюм дар љањон арзандатарин санъат дар саноати даромаднок мањсуб мешавад, ки њукумат ва давлатмардони кишварњо бояд бо як азми миллї дар ин роњ ба равнаќи бештар ва љалби зиёди сайёњони хориљї бо кўмаки матбуоти чопї ва интернетии таблиғотї талош намоянд. Мутмаинан, ин талошњо барои кишварњое, ки дар љалби турист ва чопи матбуоти таблиғотї зиёд фаъолият мекунанд, барои дурахшидан дар сатњи љањонї имкон фароњам месозад ва њамчунин бояд гуфт, ин боис мегардад, ки ин кишварњо дар боло бурдани сатњи Маљмўи мањсулоти дохилии кишвар (ММД) ба муваффаќият ноил шаванд.

Ваќте абзорњои навин дар дунёи матбуот ва иртиботот ба сурати чопї ва электронї ба хизмати шањрвандон оғоз мекунанд, тағйиротњое низ дар шеваи зиндагии рўзмараро интизор метавон шуд.

Яке аз ин тағйирот, дигаргунї ва рушди санъати экотуризм мебошад. Ањён -ањён рўзномањои диљитолї ва маљозї ва гардишгарии маљозї дар дунёи имрўза аллакай шакл гирифтаанд. Њамаи ин дастовардњо мўъљизаи инќилоб дар соњаи иртиботот ва иттилоот – ICT мебошад.

Ба унвони намуна, хеле аз алоќамандони ин рўзномањо метавонанд аз тариќи сайтњои махсуси љустуљўии интернетї аз мавзўъњои бузурги љањонї воќиф гарданд. Кас бо кўмаки ин дастгоњњои замони нав бе мушкилї имкон ба даст овардааст, ки сар карда аз Эрмитажи Санкт-Петербург то Лаври Парижро на танњо мушоњида намояд, балки њатто метавонад ба сањл билети њавопаймо ва мењмонхонаро фармоиш бидињад.

Эрон бо вуљуди кишвари ќадимї буданаш, аз сабаби чандон мўътадил набудани вазъи сиёсї ва эљод кардани тањримњои гуногун аз љониби баъзе кишварњои урупої дар љалби љањонгардон њиссаи расонањои иттилоотї чандон чашмрас надоштааст. Аммо ба шарофати рушд ёфтани соњаи иртиботот мутмаин метавон буд, ки дар њамин дањсолаи наздик кишвари Эрон ба њайси яке аз марокизи пешрафтаи љањонии љањонгардї шинохта хоњад гашт. Барои анљом додани тањќиќоти хеш мо ба адабиёти соњањои

гуногун такя намудем. Аз нигоњи соња китобњо ба илмї, публитсистї, бадеї људо мешаванд. Он адабиёт дар навбати худ фарогири мавзўъњо доир ба санъати туризм, доир ба соњаи иртиботот, реклама ва журналистика мебошанд. Дар Эрон корњои пажўњишї дар мавриди робитаи таблиѓот бо туризм хеле кам анљом ёфтааст, аммо бо ин вуљуд дар он корњо наќши њамаи расонањо ба пуррагї тањќиќ нашудааст. Мо дар кори хеш аз кори тањќиќии олимони шинохта дуктур Саид Мањдии Алвонї «Усул ва мабонии љањонгардї» -(۱۳۷۲, мутобиќ ба соли ۱۹۹٤), дуктур Парвизи Дебої «Шинохти љањонгардии Тењрон» (۱۳۷۱, баробар ба соли ۱۹۹۳), дуктур Муњаммад Таќии Рањбар «Пажўњиш дар таблиѓи турист» (۱۳۸۱, мусовї ба соли ۲۰۰۳), дуктур Алї «Наќши таблиѓоти бозаргонї дар густариши санъати турист» (۱۳۷۹- мутобиќ ба соли ۲۰۰۱) истифода намудем.

Ҳамчунин дар кори илмии мо китобу маљаллањои мухталифи ба таблиѓот бахшидашуда, аз љумла

**Мансури Маљдам соли** 1379 (2001)**, Қавоиди бозї дар таблиѓоти љањонї,**

- مجدم ، منصور ( 1379)، قواعد بازی در تبلیغات جهانی، تهران: انتشارات اداره کل تبلیغات

**Козими Муътамаднажод,** 2001**, Васоили иртиботи љамъї,**

- معتمد نژاد ، کاظم ( 1379) ، وسایل ارتباط جمعی ، جلد اول ، چاپ سوم، تهران: انتشارات دانشگاه علامه طباطبایی

**Тижо Мирфахроï, ۱۳۸۰ (۲۰۰۲), Иќноъ ва таблиѓ.**

میر فخرایی، تژا ( 1380)، اقناع، تهران : انتشارات اداره کل تبلیغات -

**Алии Диловар,** 1374 (1996)**, Омор ва эњтимолоти корбурд дар улум**

دلاور، علی ( 1374)، آمار و احتمالات کاربردی در روانشناسی و علوم تربیتی، تهران : انتشارات رشد

истифода шудааст. Мо танњо ба пажўњиши мутахассисони эронї мањдуд нашуда, балки ба андешањои олимону муњаќиќони кишварњои мухталиф таваљљўњ намудем, ки он адабиёти истифодашуда бо њуруфоти сирилик ва англисї мунташир гаштаанд. Аз љумла китобњои бо забони тољикї чопшудаи «Тољикон»-и Б. Ғафуров, «Сафарнома»-- Н. Хусрав, «Журналистикаи иљтимої»-и Фролова Т. ва Усмонов И., адабиёти бо забони русї нашргашта «Маркетинговые исследования в туризме»-и Дурович А., «Менеджмент туризма. Туризм как вид деятельности»-и Квартальнов В.А., Зорин И. В., Виноградов П.А., «Эффективность сельского туризма и его влияние на развитие аграрного сектора АПК (на материалах Республики Таджикистан)»-и Ёров Дж. ва ѓайрањоро метавон ном бурд.

Аз адабиёти англисї маљмўањо ва китобњои ин муњаќќиќонро метавон мисол овард: ROBINSON, RICHARD D. «Internationalization of Business»: Richard.L.Daft, “ Organization theory and desin”, Diffusion of Innovations”., Smith, v .l , and E adding ton, w, r, Tourism Alternatives potential problems in thedevelopment o tourism , wiley», Tuckman, H.P nas. “measuring the Effectiveness of Instructional Radio , the methodological lssues/, Trenholm, S;Jensen, A. Interpersonal communication. ۳ th edition. London , wadsworth .۱۹۹٦., Rogers,E.,”Diffusion of Innovations”., New York, Free Press, ۱۹۸۳, Schein ,E .H. organizotional culture and leadership, san Francisco: Iossey- Bass ۲۰۰٥.

Гардишгарии электронї ва интернетї бо кўмаки матбуоти чопї ва интернетии таблиѓотї метавонад муљиби тавсиаи кишвар низ шавад.

Мавзўи пажўњиш ба дунболи роњкорї барои рафъи мушкилот ва кашфи муделњои илмии љадид дар асри инќилоби иртиботот ва гардишгарї мебошад. Ва иљрои ин пажўњиш барои соњибназарони эронї дар илми расонањо ва турист бисёр муњим мебошад. Аз љониби муњаќќиќ дар ин рисола мувофиќи имкон ба наќши расонањои Эрон ба љалби туристони хориљї бањогузорї карда шудааст.

**Предмети пажӯҳиш.** Ба предмети тањќиќот зуњурот ва рушди расонањоеро метавон шомил намуд, ки ба љалби туристї машѓуланд ва дар миёни дигар расонањои соњавї онњо чї гуна мавќеъ доранд ва чї гунна бояд рушди илмї пайдо кунанд.

**Фарзияњои тањќиќ.** Байни таблиѓоти миёни фардї (мустаќим ва чењра ба чењра) турлидерњо, мудирон ва барномарезони турњои љањонгардї ва тарѓиби љањонгардон барои сафар ба Эрон робитаи мусбат ва маънодор вуљуд дорад.

Байни таблиѓоти љањонгардї дар хориљ аз кишвар ва эљоди эњсоси амният ва оромиши хотир дар љањонгардон барои сафар ба Эрон, робитаи мусбат ва маънодор вуљуд дорад.

Байни таблиѓоти анљомшуда ва авлавиятгузории боздиди љањонгардон аз љозибањои љањонгардони Эрон робитаи мусбат ва маънодор вуљуд дорад.

Байни мизони тањсилоти љањонгардон ва таъини навъи расона ва ё равиши таблиѓотї, ки дар тарѓибашон барои сафар ба кишвари Эрон маассир будааст, робитаи маънидор вуљуд дорад.

Байни даромади љањонгардон ва мизонии љаззобият ё алоќа ба навъи мўњтаво бо мавзўоти таблиѓотї робитаи мусбат ва маънодор вуљуд дорад.

Байни мизони тањсилот ва дарёфти иттилоот ба ахбори мавриди ниёзи љањонгардон барои мусофират ба Эрон аз тариќи расонањо ва матбуоти таблиѓотї ва равишњои таблиѓотї робитаи мусбат ва маънодор вуљуд дорад.

Байни миллияти љањонгардон ва дарёфти иттилоот ва ахбори мавриди ниёз аз расонањо ва равишњои таблиѓотї робитаи мусбат ва маънодор вуљуд дорад.

Байни мизони синни љањонгардон ва эътимод ба расонањо, ба вижа матбуоти таблиѓотї ва равишњои таблиѓотї робитаи мусбат ва маънодор вуљуд дорад.

Байни миллияти љањонгардон ва тамоюл ё авлавиятгузории боздидашон барои ошної бо вазъяти иљтимоии Эрон робитаи мусбат ва маънодор вуљуд дорад.

**Ҳадаф ва вазифањои тањќиќ.**

Ҳадафи аслии тањќиќи мавзўъ аз муайян намудани наќш ва ќиёси расонањои иттилоотии Эрон дар љалби сайёњони хориљї ба кишвар иборат мебошад. Барои муайян намудани њадаф ва фарзияњои тањќиќ мо дар назди худ вазифа гузоштаем, то ба чунин суолњо посух љўем:

- Оё расонањо (ба вижа матбуот) ё равишњои таблиѓотї мавриди истифода дар љазби љањонгардон муносиб ва муассир будааст?
- Оё барномањо ва таблиѓоти васоили иртиботи љамъии Эрон, ба вижа матбуот, ки ба сурати бурунмарзї мунташир ё пахш мешавад, дар љазби љањонгардон ба ин кишвар муассир будааст?
- Оё ниёзњои иттилоотї ва хабарии љањонгардон дар мавриди кишвари Эрон дар таблиѓот дар назар гирифта шудааст?
- Оё дар таблиѓоти анљомшуда ба алоќаи мухталиф ва љаззобиятњои мавриди назари љањонгардон таваљљўњ шудааст?

- Оё расонаҳо дар равишҳои таблиғотӣ, тасвири воқеӣ аз кишвари Эрон ироа кардаанд?

- Оё ҷаҳонгардон ба таблиғот ва иттилооти ироашуда дар расонаҳо ва равишҳои таблиғотӣ дар хусуси вазъияти мусофират ва ҷаҳонгардӣ дар Эрон эътимод доштаанд?

- Муаллифаҳои аслии низоми таблиғотӣ кадом аст?

- Чӣ моделеро метавон ҷиҳати баланд бардоштани гардишгарӣ ва ҷазби турист дар кишварҳои низоми дар ҳоли тавсиа, аз ҷумла Эрон ироа дод?

- Таносуби модели пешниҳодӣ аз назари коршиносони ҷаҳонгардӣ, туристҳо, соҳибназарон ва устодони донишгоҳ ба чӣ мизон аст?

Моҳияти ин таҳқиқ, маҳдудиятҳои молӣ ва замонӣ, тағйиротҳо ва авомили нохоста ва пешбининашуда, монанди нооромӣ дар Ироқ, Афғонистон, Покистон, таҳдиди эҳтимолии ҳамлаи низомӣ ба Эрон тавассути Амрико, масъалаи таблиғоти манфӣ дар ҷазби ҷаҳонгардон шудааст. Ин масоил муҳаққиқро водор намуд, то ин авомилро низ мадди назар қарор дода, аз онҳо ба унвони мушаххаскунанда (шохис) ва меъёрӣ барои таъйини ҳаҷми намуна (٨٠٠ нафар ҷаҳонгард ва ٢٠٠ нафар донишҷӯ ва муҳаққиқи матбуоти таблиғотӣ ва дар Эрон муҷриён ва марокизи гардишгарӣ) ва низ тарзи гузиниши онҳо истифода кунанд.

**Асоси методологии таҳқиқ.** Қисмати назариявӣ-методологии рисоларо таҳқиқҳои анҷомдодаи муҳаққиқони Аврупо, Амрико, Русия, Эрон ва Тоҷикистон ташкил мекунад.

Ҳамчунин барои анҷом додани рисола муҳаққиқ аз пурсишномаи муназзам истифода намудааст.

Дар пурсишномаи баста бо равиши Ликрет ва феҳраст, ки аз пуркортарин шеваҳои таҳияи посух барои пурсишҳои бастаӣ мебошанд, ба кор гирифта шудааст. Дар сабки Ликрет бо посухгӯён гузорае ироашуда ва аз онҳо хоста мешавад мушаххас кунанд, то чӣ ҳад бо он мувофиқ ё мухолиф ҳастанд.

Пурсишномаи тарроҳишуда бо ٤ забон: англисӣ, олмонӣ, русӣ ва арабӣ танзим шуда ва бо таваҷҷӯҳ ба забон ва миллияти ҷаҳонгардон дар ихтиёри онҳо қарор гирифт.

Дар ин пажӯҳиш талош гардидааст, ки нигоҳи вижа ба ҳамаи ин мафҳумҳо ба таври тахассусӣ сурат бигирад. Ва ба ҳамаи мафҳумҳо ва мавзуоти марбут ба ин пажӯҳиш ба таври густурда бо илми рӯз баррасӣ ва тавзеҳ дода шудааст.

Бо таваҷҷӯҳ ба ин ки ١٧ сайти тахассусӣ дар заминаи таҳқиқот ва ҳамчунин ١٢ маҷаллаи чопии рангае, ки ба таври мураттаб ҳар моҳ чоп ва паҳн мешаванд, дар ин пажӯҳиш интихоб гардида, мавриди тавзеҳу таҳлил қарор гирифтанд.

**Равиши таҷзия ва таҳлилдодаҳо.** Пас аз ҷамъоварии иттилоот, табақабандии он бар асоси шева дар назар гирифта, бо истифода аз нормаи афзори SPSS иттилот пардозиш шуда ва ёфтаҳои ҳосил аз он низ мавриди тавсиф қарор гирифтааст. Илова бар равиши омор тавсифе дар баррасии фаровониҳо барои тамоми мутағайирҳо, барои кашфи робитаи маънидор дар байни мутағайирҳои даруни савол ва фарзияҳои пажӯҳиш озмуни «X ٢», озмуни «T» ва озмуни «Ѓ» ва озмуни анализи Вориёнс истифода гардид. Бинобар ин дар таҳлили додаҳои ин таҳқиқ, илова бар равиши омори тавсифӣ аз омори таҳлилӣ, ки ҷадидтарин равиши илмии рӯзи дунё мебошад, низ истифода шудааст.

**Ҷиҳати навгонии рисола** дар он аст, ки дар ин пажӯҳиш як модели ҷадиди матбуотии таблиғотӣ дар хусуси афзоиши туризм ба Эрон тарроҳӣ ва ироа шудааст. Ва ҳамчунин бо ҷадидтарин равишҳои илмӣ матбуоти таблиғотӣ таҳлили мӯхтаво гардида ва робитаи ҷадиде аз миёни ин таҳлилҳо ҳосил шудааст.

**Аҳамияти назариявии пажӯҳиш** бо таваљљӯњи потенсиалњо (зарфиятњо) ва љаззобиятњои гардишгарии Эрон, ки љузъи дањ кишвари олам мебошад, њаљми турист дар њоли њозир дар Эрон зиёд намебошад ва яке аз нуќоти заъф дар ин мавзӯъ адами фаъолиятњои матбуоти таблиѓотист, ки дар ин пажӯњиш бо унвони яке аз мењварњои муњим барои равшан сохтани як улгӯи матбуотї зарурат дорад.

**Аҳамияти амалии пажӯҳиш** иборат аз он аст, ки мавзӯи баррасишаванда дар замони муосири ҷаҳонишавӣ хеле актуалӣ буда, натиҷаҳои онро дар соҳаҳои гуногун метавон истифода намуд. Ба вижа аз натиҷаи пажӯҳиш метавонанд ширкатҳои сайёҳӣ, ширкатҳои реклом ва онҳое, ки бо таблиғи ҷаҳонгардӣ шуғл меварзанд, кор гиранд. Баъдан истифода ва тадриси мӯҳтавои рисола ҳамчун курси махсус дар донишкадаҳои журналистӣ ва саноеи туризм аз манфиат холӣ нахоҳад буд.

**Дар анљоми кори пажӯњиш нукоте дар сари роњи тањќиќ будааст, ки хулосаи он иборат аст аз:**

١. Дар анљоми намунагирї, такмили пурсишнома ва табъи он љамъоварии иттилоот, лозим ба мурољиаи мустаќими пажӯњишгар ба донишгоњњо, созмонњои расонаї ва матбуотї, марокизи туристї ва ба мењмонхонањо, марокизи иќоматї ва мењмонсароњои мухталифи кишвар будааст. Аз ин рӯ ба љињати њазина ва замон ва мушкилоте, ки пеши рӯи пажӯњишгар мебошад, бинобар ин љињати рафъи ин мушкилот муњаќќиќ ба анљоми намунагирї аз мењмонхонањо ва марокизи иќоматї ва мењмонсароњои шањрњои муњим ва калони кишвар ба вижа Тењрон, Исфањон, Шероз ва Машњад иктифо намудааст.

٢. Адами њамкорї ва алоќаи масъулон ва мудирони иљроияи мењмонхонањо ва марокизи иќоматї љињати њамкорї ба пажӯњиш ва такмили пурсишномањо ба љањонгардон.

٣. Адами тамоили шахсии бисёре аз љањонгардон љињати пур кардани пурсишнома.

٤. Коњиши омори љањонгардон њангоми анљоми пажӯњиш ба далели љангњо ва таъсироти пиромуни он дар Амрико, Ироќ, Афѓонистон ва тасвиби ќатъномаи шӯрої – ањкоми Ољонсии Байналмиллалии Энержии Њастаї алайњи Эрон ва фишорњои сиёсии физоянда алайњи кишвар ва табъи он коњиши мусофирати љањонгардон ва дастрасї бисёр мушкил ба љањонгардон мебошад.

٥. Кам будани манобеъ, китобњо ва нашриёти кофї ба забонњои мухталиф дар иртибот бо мавзӯъи пажӯњиш.

٦. Ҳазинаи бар будани анљоми марњилањои тањќиќ ва адами њамкорї ва њимоятњои молии созмонњо ва муассисоти муртабит бо љањонгардї ба тавре, ки фаќат дар ростои тањияи форуми пурсишнома ба чанд забон барои ироа ва гирифтани иттилоот аз љањонгардон пиромуни наќши матбуоти таблиѓотї дар љазби турист њадди аќал ٢٠٠٠ доллар њазина гардидааст. Умед аст, ки натоиљ ва фаъолиятњои илмї ва тањќиќотии ин пажӯњиш чароѓи роњи мусбат барои масъулини марокизи расонаї ва таблиѓотї, ба вижа матбуотї ва низ созмонњои гардишгарї дар кишварњои дар њоли тавсеа ба вижа Эрон гардад, бо таваљљӯњ ба ин, ки дар хотимаи кори тањќиќї илова бар посухгӯї бар саволот ва фарзиёти пажӯњиш талош гардид, ки чанд наќшаи муносиб дар ростои иртибототи мутаќобили миёни матбуот, таблиѓот ва созмонњои гардишгарї, барои як системаи љазби туристї пок ироа гардад.

**Чорчўби** таҳќиќ аслан давраи рушди туризмро дар давраи муосир - солҳои ۲۰۰۰-۲۰۱۰-ро дар Љумҳурии Исломии Эрон фаро гирифта, сайри таърихї низ ба соҳаи мазкур карда мешавад. Ва ҳамчунин бо интихоби як љомеаи турист ва матбуоти фаъол бо кўмаки равиши аналитикї-оморї талош менамояд то ба суолот ва фарзияҳои таҳќиќ бо кўмаки SPSS (равиши оморї) ва тепсин (таҳлили мўхтавои кайфї) посух диҳад.

**Асоси эмпирикии ин пажўҳиш** аз иртиботе бо созмонҳои матбуотї ва гардишгарї дар Эрон, ки дар ҳоли ҳозир бо се гунна фаъолият менамоянд. Навъи аввал давлатї, навъи дуюм нимдавлатї ва навъи сеюм хусусиро дарбар мегирад. Дар ин пажўҳиш талош шудааст, куллияи осори мактуб ва электронї ва ҳамчунин навъи хадамот ва вазоифи созмонии ин марокиз аъме аз созмонҳои гардишгарї ва ҳайати таҳририяҳои матбуоти таблиѓотї мавриди баррасиву таҳлил ќарор гиранд.

**Ба сифати апробатсияи кор** метавон чанд кори анљомдодаи муҳаќќиќро ёдовар шуд. Аввалан бояд гуфт, ки муҳаќќиќ доир ба мавзўи баррасишаванда ۲ китоб бо унвони «Равобити умумӣ ва гардишгарї дар дунёи муосир».-Теҳрон: Нашриёти Донишгоҳи озоди исломӣ, ۱۳۸۸ (۲۰۱۰).- ۲۲٤ с., «Иртибототи инсонї ва наќши он дар санъати туристї». - Теҳрон: Нашриёти Донишгоҳи озоди исломӣ, ۱۳۸۹ (۲۰۱۰).- ۱٤۰ с. ба чоп расондааст. Ќобили зикр аст, ки марбут ба мавзўи фавќ ۳ маќолаи муҳаќќиќ дар маљмўаҳои илмии донишгоҳҳои Эрон ва кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла «Нақши матбуоти таблиғотӣ дар ҷалби турист». //Фаслномаи илмии табиатгардӣ.-Теҳрон, ۱۳۸۷ (۲۰۰۹).- С. ۲٤ -۳۲., «Нақши расонаҳои ҷамъӣ дар афзоиши таомулоти фарҳангӣ ва гардишгарӣ дар тавсеаи Эрон» (WSEAS-E- Library and of Journals of WSEAS, Greece, ۲۰۰۹.- С. ۳۰-٤۰., «Нақши расонаҳои ҷамъӣ дар афзоиши фарҳанги тавлиди илм»./Тавлиди илм ва ҷунбиши нармафзорӣ ва озодандешӣ дар Эрон. -Караҷ: Донишгоҳи озоди исломии воҳиди Караҷ, ۱۳۸۸ (۲۰۰۷).- С. ۵۹-۸۱)., «Таъсири фанноварии иртиботот дар иқтисоди расона ва санъати турист»./Ҳамоиши мудирият ва иқтисоди расона.-Дамованд: Нашриёти Донишгоҳи озоди исломии воҳиди Дамованд, ۱۳۸۸ (۲۰۰۹).- ۱۰ с., ۳ маќола дар маҷаллаи илмии «Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» аз ҷумла, «Наќши IT дар иштиѓол ва баҳрабардории нерўи инсонї» (махсусан дар марказҳои гардишгарї)», «Ҳуввияти фардї ва фарҳангии љомеа дар асри моҳворaї», «Баррасии вазъи сайёҳї дар Ҷумҳурии исломии Эрон бо таваљљўҳ ба наќши матбуоти таблиѓотї дар ҷалби сайёҳон»- № ٤, ۲۰۱۰ ва ۱ мақола дар маҷаллаи «Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. №٤, ۲۰۱۰ бо номи «Технолоҷии ICT дар фарҳанг ва ҷалби сайёҳон» ба табъ расидааст. Ҳамчунин маърўзаҳои илмии муҳаќќиќ дар чандин конфронсҳои илмї шунида ва мавриди муҳокима ќарор доштааст. Аз ҷумла дар конфронси миллии нанотехнолоҷї дар шаҳри Кирмоншоҳи Эрон дар таърихи ٦-۷-уми моҳи исфанди ۱۳۸۸ (۲۰۱۰) таҳти унвони «Корбурди нанотехнолоҷї дар афзоиши ҳамбастагї миёни матбуот ва санъати турист», дар ҳамоиши миллии улуми инсонї аз ۲٦-۲۷ баҳмани ۱۳۸٦ (۲۰۰۷) дар мавзўи «Таҳлили мўҳтавои сохторҳо ва масоили идории донишгоҳҳо дар ҷиҳатдиҳии матбуот ва гардишгарї» суханронї намудааст. Ҳамчунин пажўҳиш ва таҳќиќоти анҷомшуда мавриди ташвиќ ва ќадрдонии дуктур Ҷосбї- раёсати кулли Донишгоҳи озоди исломї дар Эрон дар даҳумин ҷашнвораи миллї дар соли ۲۰۰۹ гардид.

**Сохтори рисола.** Рисолаи мазкур аз муќаддима, ٣ боб, хулоса, рўйхати адабиёт ва манобеъи истифодашуда иборат аст. Боби II ба се фасл људо мешавад, дигар бобњо бе фасл оварда шудаанд. Рисола дар њаљми ٢٣٣ сањифаи чопи компутерї омода гардидааст.

**Мундариљаи асосии рисола**

Дар муќаддима муњимиятии мавзўи баррасишаванда асоснок карда мешавад, дараљаи коркарди илмї муайян гардида, ба љанбањои асосии тањќиќоти гузаронидашуда бањогузорї шудааст. Ҳамчунин њадаф ва вазифањои рисола нишон дода шудааст.

**Боби аввал** «**Баррасии сохторї ва ташкилотї перомуни ошної бо наќши расонањои таблиѓотї аз гузашта то кунун»** номгузорї шудааст. Ва он аз се фасл иборат аст.

Фасли якум «Мафоњими поях ва асосї перомуни таблиѓот дар Эрон ва љањон» унвонї шудааст, ки дар он талош шудааст мавзуоти илмї дар хусуси таблиѓот аз гузашта то ба имрўз дар љањон, ба вижа Эрон мавриди баррасї ќарор гирад. Рўзноманигорон, ки дар заминаи љалби сайёњон менависанд, лозим аст, ки аз шевањои мухталиф дар хусуси таблиѓот дар илми имрўз ошно гарданд.

**Фасли дуюми** рисола бо унвонии **«Баррасии таблиѓоти матбуотї дар Эрон ва тањлили вижагињои нашриёти чопї»** ёд мешавад. Муњаќќиќ дар ин фасл бо истифода аз моделњои гуногуни матбуоти чопї, ки дар Эрон дар як давраи ٢٠ сола фаъолият менамоянд, таблиѓоти ин гунна матбуот ва вижагињои асаргузори матбуотиро мавриди пажўњиш ва тањлил ќарор додааст.

**Дар фасли саввуми рисола, ки «Баррасї ва тањлили мўњтавои нашриёти таблиѓотї, (мусоњибањо ва маќолањои таблиѓотии муваффаќ дар љалби сайёњ ба Эрон)»** номгузорї шудааст, куллияи нашриёти таблиѓотї, ки муваффаќ ба љалби сайёњон ба Эрон шудаанд ва аз назари мавзуоти чопшуда дар ин нашриёт, аз ќабили мусоњибањо, маќолот, гузоришњои хабарї тањлили мўњтаво гардидаанд ва натиљаи тањлили мўњтаво ба унвони пешнињодоти пажўњишгар дар як улгў ё модели матбуотии љадид таррољї ва тарсим (ироа) гардидааст.

Боби II-и рисола «**Наќши таъсиргузори расонањои диљитолї ва электронї дар љазби сайёњон ба Эрон»** ном дорад. Аз он љое, ки пас аз инќилоби иртиботот ва ќароргирии моњворањо дар мадори курраи Замин тањаввулоти бисёр шигарфе дар мавзўи таблиѓоти расонањо анљом гирифтааст, дар ин бахши рисола бо шиносоии расонањо ва шабакањои интернетї (WEB) наќши таъсиргузори ин расонањо дар тарѓиби сайёњон ба марокизи гардишгарї мавриди баррасї ќарор гирифтааст.

**Фасли якуми бобби дуюм. «Баррасї ва табйини муаллифањои асосї перомуни наќши расонањои электронї, ба вижа Интернет» ном дорад.** Ошноии мутахассисини таблиѓотї ба истифода аз системаи љустуљугарди Интернет ва њамчунин ошно шудан ба пардозиши иттилоот дар ин шабакаи љањонї аз заруратњое мебошад, ки муњаќќиќ талош намудааст, ки мафоњими усулї ва

систематики шабакаи љањонии Интернет, ба вижа дар љалби сайёњон ба марокизи туристиро баррасї намояд.

**Фасли дуюми бобби дуввум ба унвони «Ошної ва тањлили мўњтавои шабакањои мољвораї ва сайтњои тахассусї перомуни љалби турист ба Эрон»** ёд мешавад. Акнун дар кишвари Эрон ١٧ вебсайти тахассусї дар хусуси љалби турист фаъолият менамояд. Дар рисола кўшиш гардидааст ин шабакањои тахассусиро аз назари мўњтавої ва њаљми фаъолиятњои рўзона дар тарѓиби сайёњон ба кишвари Эрон мавриди тањлили мўњтаво ќарор дињад. Дар баррасињои њосилшуда аз пажўњиш мушаххас гардидааст, ки истифода аз рангњо, лугўњои (нишонњои )матбуотї бо љаззобиятњои таърихї ва табиии Эрон, аз ќабили логои тахти Ҷамшед, Перси полис ва ѓайра дар тарѓиби сайёњон наќши муњимеро ироа намояд.

**Фасли сеюми боби дуюми рисола «Баррасии мизони асарбахшї ва таъсиргузории расонањои чопї ва электронї дар љалби сайёњон ба Эрон» ном гирифтааст**. Ҳамон гунна , ки дар илми иртиботот ва рўзноманигорї аз ањамиятњои мизони асаргузорї миёни мухотабон бо васоили иртиботи љамъї њамвора таъкид мегардад, дар ин бахши рисола кўшиш шудааст, то паём ва осори асаргузорї дар байни мухотабин, бавижа сайёњон мавриди таваљљўњ ва баррасии илмї ќарор гирад. Натоиљи њосила аз тањлили мўњтавои мизони асарбахшї дар миёни сайёњон дар яке аз наќшањои пажўњишгар бо унвони Ӯлгуи матбуотї исбот гардидааст, ки ин наќша метавонад мавриди истифодаи марокизи матбуотї ва гардишгарї гардад.

## Боби III. Баррасии таъсири расонањо ва матбуоти таблиѓотї дар љалби сайёњон ба Эрон аз нигоњи љомеаи интихобии пажўњиш.

**Боби дуюми рисола** «Нақши расонаҳо ва матбуоти таблиғотӣ дар ҷазби туризм» унвонї шудааст.

Ќабл аз эљоди санъати чоп, ки оѓози давраи љадиде барои барќарории иртибototи љамъї ба шурўъи давраи тозае аз таблиѓот буд, яъне ќабл аз пайдоиши таблиѓот ва расонањои чопї дар ќарни ١٥ мелодї таблиѓот ба се сурат вуљуд дошт:

١. *Эълонњои т иљорї.* Ифтихору ѓуруре, ки устодкорони замонњои ќадим доштанд ва ин њам онњоро ташвиќ мекард, ки аломати мушаххасе аз худашон рўи маснуоти худ, монанди коса ва ё кўзањои сафолї ва ѓайра бигзоранд. Кори яке аз устодон мавриди таваљљўњ ќарор мегирифт, њамеша ба аломати ихтисосии ў дар мавќеи харид таваљљўњ мекарданд ва ин шўњрат забон ба забон мегузашт, дуруст монанди эълонњои тиљорие, ки имрўз ба он таваљљўњ дорем.

٢) *Нишонњо ва т аблиѓот и рўйидеворњо.* Василаи дигари таблиѓот љумлањое буд ки рўи сангњо ва деворњо љониби мањале, ки чизњои гуногун ба фурўш мерафтанд, навишта мешуд ва аз љинси мавриди назар таъриф ва тањсин менамуд ва таќрибан монанди таблиѓоти рўйидеворњо ва таблоњои маѓозањои имрўза буд.

٣) *Љорчињои шањр.* Дар Юнони асри тиллої љорчињо умуман вазифаи муњимеро анљом медоданд ва вазифаашон ин буд, ки дар шањр бигарданд ва ахбори муњим ва воќеањои мавриди алоќаи мардумро интишор дињанд ва аз ин бобат музди муайянеро дарёфт мекарданд. Баъдан дар асрњои миёна (асри ٥-١٥ мелодї) танњо василаи таблиѓот

ба ҷуз эълонҳо, ки ба он ишора шуд ҷумлаҳое буд, ки баёне мешуданд. Ин ҷорчиҳо дар шаҳр ҳаракат мекарданд ва зиндагӣ ба ҳамроҳи худ доштанд, ки ибтидо барои ҷалби таваҷҷӯҳи мардум ба садо дар меоварданд. Пас аз ин воқеаҳои муҳим ва ахборро чун як паёми таблиғотӣ аз тарафи корфармои худ, ки мункин буд масъули як намоишгоҳва ё соҳиби як мағоза ва ё як қаҳвахона бошанд, медоданд. Баъдҳо дар Англия ва Франсия ин ҷорчиён иттиҳодияе барои худ ташкил доданд.

Ҳангоме, ки санъати чоп ба вуҷуд омад дигар лозим набуд, ки бо заҳмат ва ранҷи бисёр барои касби як нусхаи дигар аз навиштае моҳҳо вақт барои навиштан сарф шавад.

Ҳамзамон бо таҳаввули санъати чоп аввалин огаҳии чопшуда ба забони англисӣ дар соли ١٤٧٨ тавлид гардид. Дар он солҳо Вилиям Кокстон, як англисе, ки пас аз Гуттенберг аз идеяи ӯ истифода мекард, як огаҳӣ чоп кард ва онро пахш намуд, ки таваҷҷӯҳи хонандагонро ба хариди китобе, ки дар бораи қонунҳои мазҳабӣ нашр карда буд, ҷалб намуд.

Аз аввалҳои асри ١٨-ум дар Англия ва аз охирҳои ҳамон қарн дар Амрикои Шимолӣ рӯзномаҳое ба вуҷуд омаданд, ки ба таблиғгарон маъруф буданд. Ин рӯзномаҳо огаҳиҳои раддабандишудае чоп мекарданд, ки мухотибонаш андак, аммо сарватманд буданд. Миқдори қобили мулоҳизае аз таблиғоти бозаргонӣ дар қарни ١٨-ум ва аввалҳои қарни ١٩-ум ба фурӯши ғуломон ё додани подоши муждагонӣ барои дастгирӣ ва бозгардонидани ғуломони фирорӣ ихтисос меёфт.

Қабл аз пайдоиши матбуот ва расонаҳои чопӣ матбуоти таблиғотӣ ва бозаргонӣ дар Эрон низ ҳаммонанди раванде, ки таблиғот дар ҷаҳон тай намуд, вуҷуд доштааст. Яъне таблиғот дар Эрон ба се шакл: эълонҳои тиҷорӣ, таблиғи рӯи деворҳо ва ҷорчиҳои шаҳр будааст, ки дар қисмати таърихчаи таблиғоти бозаргонӣ дар ҷаҳон шӯҳрат ёфт. Пешина огаҳӣ дар матбуоти Эронро аҳди Носируддин-Шоҳи Қоҷор медонанд. Нахустин огаҳӣ, ки дар матбуоти аҳди Носирӣ дарҷ шудааст ба супориши як тоҷири фарангӣ ба номи Мусивар Ваҷёрӣ аст, ки дар шумораи шашуми рӯзномаи «Вақоеи иттифоқия» мундариҷ аст.

Дар мавриди огаҳиҳои матбуотӣ метавон гуфт, пешина огаҳӣ дар таърихи муосири Эрон нахуст ба сурати деворнигора ва дарҷ дар нашрияҳо боб шуд ва сипас ривоҷ пайдо кард. Пас пешина огаҳӣ дар расонаҳои ҷамъии Эрон бад ин тартиб будааст:

- деворнигора, нашрияҳои даврӣ, китоб, синамо, радио, телевизион.

Бо баррасии мухтасаре дар таърихи таблиғоти Эрон аз охирҳои давраи Носуриддин Шоҳ метавон сайри такомули таблиғоти матбуотӣ ва бозургонии Эронро ба се давра тақсим кард:

١. Таблиғот тавассути фурӯшандагони сайёр, таблиғ дар бозорҳои маҳаллӣ: Таблиғоти тиҷорӣ ба шакли маҳдуд ва ибтидоии он дар кишвари Эрон як фанни пурсобиқа ва қадимист. Беш аз як қарн фурӯшандаҳои даврагард дар кӯчаҳо ва майдонҳои шаҳр бо садои баланд колоҳои худро сифат мекарданд ва бо нишондоди хусусиятҳои он коло хонаводаҳоро дар сари роҳи худ дар кӯчаҳо ҷамъ ва ё иддаеро дар майдонҳо даври худ гирд меоварданд ва барои хариди коло ташвиқ мекарданд. Дар ин давра таблиғот барои фурӯши коло маҳдуд ба таблиғи шифоҳӣ намегардид, балки деворҳои шаҳрҳо василаҳое буданд, ки ин фурӯшандаҳои маҳаллӣ аз он барои таблиғи колои худ истифода мекарданд.

٢. Иҷрои огаҳиҳои таблиғотӣ. Аввалин бор дар Эрон огаҳиҳои тиҷоратӣ тавассути рӯзномаи иттилоотӣ дар даҳаи аввали соли ١٣٠٠ ҳ. ш. (١٩٢٢) нашр шуд. Дар он замон таблиғоти тиҷоратӣ дар Эрон шинохташуда набуд. Ба соҳибони фурӯшгоҳҳо ва колоҳо танҳо дар ин рӯзнома василаи таблиғотии он замон, яъне рӯзномаи иттилоотӣ огаҳиҳои

соддаи худро чоп мекарданд. Дар он вақтҳо огаҳидиҳанда барои таблиғи колои худ, на хатти таблиғотӣ аз пеш таъин мекард, на буҷаи таблиғотӣ танзим менамуд ва на идеяи таблиғотӣ дошт ва на василаҳои нашрро метавонист интихоб намояд. Дар ин давра муассисоти таблиғотӣ низ вуҷуд надоштанд ва родиё низ ба пахши огаҳии бозаргонӣ намепардохт ва дар синамоҳо усулан фаъолияти пахши огаҳӣ дида намешуд.

٣. Шурӯъи таблиғоти матбуотӣ ва тиҷорӣ дар Эрон. Соли ١٣١٦ (١٩٣٨ м.) аввалин ширкати таблиғотӣ дар Эрон роҳандозӣ шуд ва номи «Қонуни огаҳии зебо» ба худ гирифт, лекин ба таври расмӣ таблиғоти тиҷорӣ аз соли ١٣٢٥ (١٩٤٧ м.) дар Эрон шурӯъ шуд ва ин давраро бояд давраи шурӯи муасисоти таблиғотӣ, ки дар ҳамаи дунё поягузорони таблиғот буданд, медонист. Ғайр аз рӯзномаҳо ва маҷаллаҳо, ки теъдоди онҳо дар Эрон дар ин давра ба таври рӯзафзун боло мерафт, синамоҳо аз василаҳое буданд, ки боби қабули огаҳиҳои бозаргониро зудтар аз василаҳои дигар боз карданд.

Аз соли ١٣٢٥ (١٩٤٧ м.) ба баъд гоҳе вақтҳо тарҳҳои ҷолиби огаҳӣ дар рӯзномаҳо ва маҷаллаҳо чоп мешуданд. Ин тарҳҳо аз тариқи муассисоти аврупоӣ ва амрикоӣ ба дасти ширкатҳои бозаргонии воридкунандаи колоҳои хориҷӣ дар Эрон мерасид ва матни онҳо ба форсӣ баргардонида мешуд ва дар рӯзномаҳо ба чоп мерасид.

Дар фосилаи байни солҳои ١٣٢٧ (١٣٤٩ м.) то ١٣٣٤ (١٩٥٦ м.) тағйироти қобили таваҷҷӯҳе дар тарҳҳои таблиғотӣ дар нашрияҳо сурат гирифт. Дар ин фосила ширкатҳои мутааддиди таблиғотӣ дар Эрон яке пас аз дигаре таъсис шудаанд. Дар ин давра рӯзномаҳо бузургтарин василаи таблиғотӣ буданд ва ба иллати ин ки филмҳои кӯтоҳмуддати сиёҳу сафед ё ранга мумкин ва босарфа набуд. Дар ҷаридаҳо, дар рӯзномаҳои таблиғотӣ ва бахусус рӯзномаи «Кайҳон» беш аз ٧٠ дарсади буҷаҳои таблиғотӣ харҷ мешуданд.

Дар ин давра таҳияи плакатҳои ранга барои насб дар фурӯшгоҳҳо ва марказҳои умумӣ равнақ гирифт ва таблоҳои филизӣ каму беш таҳия шуда ва аз навъи бузурги таблоҳо барои насб дар канори ҷодаҳо истифода мегардид ва барои аввалин бор таблиғот ба шакли ҳамаҷониба пайрезӣ мешуд. Таҳияи каталог ва брошюраҳои таблиғотӣ низ яке аз падидаҳои ин давра аст.

Таблиғ аз назари луғавӣ расонандагӣ аст ва мубаллиғ расонандаи паёмҳо ва омӯзаҳои вижаи таблиғӣ аст.

Дар китоби «Пажӯҳиш дар таблиғ» дар хусуси таблиғот омадааст: «расонидани паём ба дигаре аз тариқи барқарории иртибот ба манзури эҷодӣ, дигаргунӣ дар биниш ва рафтори ӯ, ки бар се унсури аслӣ паёмдиҳанда, паёмгиранда ва муҳтавои паём мубтанӣ аст». [١]

Дефлер ва Денис таблиғро шакли контролшудае аз иртибот медонанд, ки мекӯшад мухотаб мавриди назарро ба гирифтани тасмим дар ҷиҳати хариди маҳсул ва ё навъи хадамот қаноатманд гардонида, аз назари ин ду асоси таблиғ аст.

Тарафдорони таблиғоти ҷаҳонӣ дар ин ақидаанд, ки ниёзҳои ҷаҳонгардон ва муштариён дар кишварҳои мухталифи ҷаҳон ба сӯи яксон шудан ва ҳамгироӣ бештар пеш меравад. Яке дигар аз қисматҳои таблиғоти ҷаҳонӣ вуҷуди қонунҳои мухталиф дар ҷомеаҳои гуногун аст, ки маҳдудиятҳои гуногунеро дар иҷрои муҳтаво ва сохтори таблиғот ба вуҷуд меорад.

---

١ رهبر ، محمد تقی (1371)، پژوهشی در تبلیغ ، تهران : مرکز چاپ و نشر سازمان تبلیغات اسلامی

Ба таври асосї тафовути мизони дастрасї ва расонаҳои мухталифи таблиѓотї ва таркиби муносибе аз онҳо дар кишварҳои мухталифи дунё аз љумлаи ќисматҳои печидаи таблиѓоти љаҳонї аст. «Густариши иттилоот дар сатҳи љаҳонї фарояндест, ки тайи он фановариҳои иртиботї ва иттилоотї наќши муҳиме дар шаклдиҳї ба гуфтумонҳои фарҳангї доранд».[۲]

Интернет расонае бо тавони бисёр густурда ва дорои љаззобият аст. Ин расонаи пўё барои огоҳиҳои таблиѓотї дар ҳоли зуҳур аст ва метавонад ба унвони як расонаи муҳими таблиѓотї барои љумлаи љаҳонгардони фаъол ва ё ширкатҳои таблиѓотї ба шумор ояд. Истифода аз интернет дар љаҳон дар иртибототи ширкат ва таблиѓ ва василаи каталог ва мушаххасоти маҳсул ба суръат аз маҳбубияти он бархурдор мешавад.

Яке аз бартариҳои аслии интернет ҳадаф ќарор додани гурўҳҳои мушаххас аз афрод бо ҳадди аќали талафоти хароҷоти пўшиши шабака аст, ки талош мекунад бо истифода аз равишҳои илмї гурўҳҳои мухотаби худро таќсимбандї ва мавриди таъсир ќарор диҳад.

Дар натиљаи ҳадаф ќарор додани даќиќ ва муайяни мухотабон паёмҳоро метавон барои часпи ниёзҳо ва хостаҳои мушаххаси мухотабони мавриди назар тарроҳї кард ва аз тариќи web дар камтарин замони мумкин барои љомеаи умумї ва ба вижа љаҳонгардони фаъол дар тамоми дунё ирсол намуд.

Баъзан таблиѓот аз тариќи Интернет бо истифода аз почтаи электронї анљом мешавад. Ва тамоми хабарҳо, иттилоот ва таблиѓоти интернетї ба шакли паёмҳои почтаҳои электронї ба афроди гуногун дарёфт мешаванд. Дар табодули паём метавон аз SMS ва e-mail истифода намуд, ки иртибот ба шеваи сареъ, зинда ва фаъол анљом мешавад.

Ҳангоме, ки бо мухотаб аз тариќи интернет иртибот барќарор мешавад, ин иртибот як иртиботи мутаомил ва дутарафа аст. Ба тавре ҳарду тараф метавонанд ба таври зинда дар љараёни фаъолиятҳои мухталифи як мавзўъ ќарор гирифта ва тасмимгирї кунанд.

Ваќте ки корбарон аз як сайти шабака дидан мекунанд, метавонанд итилооти фаровоне нисбат ба мушаххасоти як муҳити зебои туристї ва ё як маҳсулот, иттилооти харид ва ѓайра ба тарзи сареъ ба даст оваранд, ҳатто метавонанд шароити дастрасе бо мавзўъро ба роҳатї аз тариќи интернет касб намоянд.

Таблиѓот дар интернет аз назари аҳамият ва таъсиргузорї дар ҳоли афзоиш аст. Интернет муддате аст, ки барои санъати таблиѓот бузургтарин мубориза ва бузургтарин муваффаќиятро эљод намудааст ва мўљиби таѓйир дар сохтори санъати таблиѓот шудааст, ки ҳануз таѓйироти бисёр амиќтар дар роҳ аст.

Дар ҳоли ҳозир танҳо дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико солона аз ۲ то ۳ миллиард доллар сарфи таблиѓот дар Интернет мешавад. «Маркази пажўҳишии «Фостер» низ пешбинї кардааст, ки махориљи љаҳонї барои «таблиѓоти ҳамзамон» то соли ۲۰۱۰ болиѓ бар ٦٦ милиард доллар мешавад». [۳]

Таблиѓот дар шабакаи љаҳонї тамоми он чиро, ки аз заруратҳои таблиѓоти ѓайри шабакаҳое мебошад, назири љалби таваљљўҳ ва эљоди огоҳї, алоќа, тамоюл ва таҳрикро доро мебошад. Љанбаи љадиди таблиѓоти шабакавї таҳти «веб» ин аст, ки мўљиб мешавад муштарї ба љои ин ки танҳо як гирандаи бидуни таҳрик бошад, худ дар тавлиди итилоот наќш дошта бошад.

---

[۲] Искандарї Н. Ҳуввияти фардї ва фарҳангии љомеа дар асри моҳворaї. Журналистикаи байналхалќї (маљмўаи маќолаҳо), II, Душанбе, ۲۰۰۹.-С.۹۵

[۳] **www. Tourismiran. ir**

Сафар ва гардишгарї муњимтарин равиш дар фаъолияти тиљорї аз тариќи интернет ва тиљорати электронї аст, зеро даромад ва дастёбї ба суди бештар аз тариќи интернет бисёр муњтамил аст. Сафар ва љањонгардї санъате вобаста ба санъатњои дигар аст ва тиљорате бисёр ѓанї аз назари иттилоот мебошад, ки онро ба вижа барои судоварї ва таќозот барои резерви билети њавопаймо ва ќатора, силсилаи њотелњо ва њотелњои хусусї ва њатто њотелњои чандинутоќа, таќозои баргузории турњои мусофиратї, хариди коло ва хадамоти љамъиятї муносиб месозад.

Муњимтарин навъи огањии насбї барои љалби назари гурўњњои мавриди назар ба вижа барои љазби туристњо аст ва маъмулан дар гузаргоњњо ё маконњои умумї насб мешавад.

Ин васила яке аз ќадимтарин василањои таблиѓотї ба шумор меравад, ки бо тавсиаи санъати чоп љои муносиберо дар миёни соири василањо ва расонањо пайдо кардааст. Аз назари таблиѓотї як постер бояд аз назари рангомезї ва таркиби тасвирњои зебо ва гиро ва аз назари матлабњо ба калимањо кўтоњ ва содда бошанд. Дар тарњрезї ва тањияи постер бояд василањои равонї ва иљтимоїи даќиќан мавриди таваљљўњ ќарор гирад. «Њадаф аз тањия ва интишори постер низ љалби таваљљўњи афроде њаст, ки њавсала ва ё диќќати хондани маќолоти рўзнома ё маљалла ва ё брошюраву китобро надоранд».[4]

Постерњои абзори мањбуб ва муассир дар амалиёти афзоиши санъати љањонгардї ва пешбурди тавсиаи он ба шумор меравconfigurationанд. Агар постер битавонад симои умумии маќсадро љаззоб ва љолиб ба тасвир дароварад дар љазби љањонгард ва љалби мухотабон муассир воќеъ хоњад шуд.

Яке аз шоеътарин шаклњои таблиѓоти хиёбонї биллбордњо (афиша, лавњањо), њастанд, ки дар сурати истифодаи сањењ метавонанд, ки бисёр муассир бошанд. Биллбордњо бар асоси андозаи њаљми трафики шањрї ва навъи он интихоб мегарданд. Бисёре аз ширкатњои љањонгардї тарљењ медињанд, то барои иљозаи ин биллбордњо љињати таблиѓоти худ як ќарордоди чандрўза ё чандмоња мунъаќид намоянд.

Таблиѓ аз тариќи аломатњо як абзори арзишманд барои љазби боздидкунандагон ба як мањал аст, ба хусус њангоме, ки ба як сабк ва шакли стандарт мавриди истифода ќарор гирад ва ба таври куллї ба унвони даъвокунандаи сатњи хосе аз чї гунагї ва навъи љозиба ташхис дода мешаванд. Њамчунин аломатњои љода, ки мањалањои љањонгардиро дар сатњи кишвар нишон медињанд.

Дар ин гуна таблиѓот итилооти кофї дар њар мавќеи таќрибан муњимтар аз њар чизе њаст ва бояд аз навъе бошад, ки муносиби як мањал ва табаќоти матлуб боздидкунандаи он бошад. «Иттилооти муносиб, муфид ва љолиб, эњтимол дорад, ки ба унвони омили шитобдињанда дар тасмимгирї барои рафтан ба як мањал амал кунад».[5]

Таблоњои љодаро гирифтан мумкин аст ва метавон љойгоњи паёмро интихоб кард ва онро дар маърази диди бисёре аз афрод ќарор дод. Дар солњои кунунї таблоњои таблиѓотии канори љодањо бори дигар мавриди таваљљўњ ќарор гирифтаанд. Зарфи ١٠ соли гузашта низ таблиѓ дар рўи ин таблоњо ٢٥ дарсад (фоиз) афзоиши даромади ширкатњо бо истифода аз ин таблоњо метавонанд таблиѓот ва огањињои бозаргонии худро ва бахшњои муњимме аз бозори масрафи мањаллї бирасонанд.

Имрўзњо тањия ба василањо ва љинсњое, ки битавонад номи коло, маркаи ширкат ё шиореро ба таври давомёбанда ба назари мардум бирасонад, ба сурати яке аз роиљтарин шевањои таблиѓотї даромада аст. Ин њадяњо ба таври ѓайри мустаќим дар афзоиши

---

[4] رضوانی ، علی اصغر ( 1374) ، جغرافیا و صنعت تریسم ، تهران : مرکز چاپ و انتشارات دانشگاه پیام نور

[5] Bacak louis-Banifist: shifts in Concepts and Goals of development . UNESCO.Paris ٢٠٠٨

фурўш муассир буда ва яке аз муњимтарин омилњои ёдоварикунандаи бисёр муассир ба шумор меравand. Њадяњои таблиѓотї мўљиби боло бурдани эътибор ва афзоиши шўњрат, тарѓиби афрод, њифзи алоќа ва ошно кардан бо номи коло ё хадамот мешавад.

Аввалин вазифаи паёми таблиѓотї љалби таваљљўњи афрод аст. Агар паёми таблиѓотї натавонад ин вазифаи худро ба хубї анљом дињад, њар чи ќадар афрод онро бибинанд ё бишнаванд, бидуни самар аст. Барои љалби таваљљўњи афрод роњњои зиёде вуљуд дорад: дарљи унвони бузург матлаби љанљолбарангез, тасвирњое аз афроди хушсимо, љилвањои вижа ва њар чизе, ки љаззоб бувад ва мутафовит ба назар бирасад, метавонад роњњое барои љалби таваљљўњи афрод ба паёми таблиѓотї бошад. Аммо бояд таваљљўњ кард шевањои љалби таваљљўњи афрод бояд дар ростои ќадами баъдї, яъне эљоди алоќа дар афрод бошад ва бе иртибот бо он сурат нагирад.

Мафњумњо пиромуни тањрики майли афрод, ки боиси афзоиши љазби турист мешавад, эљоди алоќа дар муќоиса бо љалби таваљљўњи он душвортар ба назар мерасад.

Имрўзњо мутолиот нишон додааст, ки паёмњои тарсовар метавонад асарбахш бошад ба шарте, ки коршиноси таблиѓ бидонад тарс чи гуна амал мекунад. Коршиноси таблиѓ ќабл аз истифода аз таблиѓ бо љозибаи тарс бояд аз нањваи амали ин навъи таблиѓ, мизони истифода аз он ва вокунишњои мутафовити мухотабон нисбат ба он иттилоъ њосил кунад.

Мусиќї дар таблиѓот, бештар таљассуми навъи хосе аз њаракат аст, то чизе, ки баён мекунад, њама унсурњои ин тариќ, он иттилооти муњит ва кофї ва муносиберо дар хусуси коло ё хадамот ба мухотаб интиќол дод.

Намунае аз ин маврид дар таблиѓоти ширкатњои сармоягузории эронгардї ва љањонгардї дар Эрон дида мешавад, ки љозибаи эњсосї истифода шудааст. Дар паёми таблиѓотии чопшуда дар маљаллаи «Табиатгардї» ин гунна баён шудааст:

«*Дўст доред њаво гарм бошад ё сард! Дўст доред кўњ бубинед ё кавир! Дўст доред аз кадом шањр савѓот биёваред! Мо мизбони шумо хоњем буд*».[١]

Расонањои њамагонї монанди матбуот, радио, телевизион, синамо ва њамчунин фароянди иртиботи њамагонї дар њоли њозир беш аз њар замони дигар тањти баррасї ва мутолиа ќарор гирифтааст. Ин мутолиот ва тањќиќот њикоят аз ањамияти расонањои њамагонї ба унвони як нињоди муњими иљтимої ва рўзноманигорї мебошад. Расонањои њамагонї дар њоли њозир ба як абзори ќудрат табдил шудаанд. Яъне, расонањо метавонанд дар њамаи шевањои рафтори инсон, иќтисод ва гардишгарї асар дошта бошанд. Бешубња афроди башар бештарин иттилоотро мустаќим аз расонањо дарёфт мекунанд. Илова бар ин матбуоти чопї, ки имрўз дар љалби сайёњон муассир аст, расонањои љадиди электронї, ки истилоњан онњо расонањои телематик гуфта мешаванд, дар инќилоби иртиботот ва љалби сайёњон бисёр муассиранд. Технологияи телематик њамон пешрафти расонањои телевизион ва компютерњост, ки бо як шабакаи азими густардаи фибронурї, мухобиротї, моњвораї ба якдигар муттассил шудаанд.

Дар баррасї аз нашриёти таблиѓотї дар Эрон барои расидан ба ањдофи кулли тањќиќ ба вижа љомеа, омори тањќиќ нуќоти зер низ мавриди таваљљўњ ќарор гирифт, ки ањамияти он илова мегардад:

Ба он аз дастаљароиде пардохта шуд, ки ба таври тахассусї ба масъалаи туризм таваљљўњ доранд ва њамчунин дар замони њол дорои тадовими интишор мебошанд. Чаро ки дар тайи солњои гузашта тирожи ١٥ нашрия пойин омада ва њамакнун чоп намешаванд. Он даста аз нашриёти тахассусї мадди назар ќарор гирифт, ки

[١] Фаслномаи илмии «Табиатгардї», ١٣٨٨, (٢٠٠٩), № ١٠.- С. ٢٠.

дорои таволии интишори мунтазам буда ва ба сурати вижанома ва гоњнома мунташир намешаванд.

Ба он дастанашриёт нашриёти ѓайритахассусие, ки ба таври пароканда ва баёни ахбор, гузориш ва маќолоти ѓайритахассусї муртабит ба масъалаи туризм ва акватуризм мепардозанд, таваљљўњ нашуд. Инак дар зер номи нашрияњое оварда мешавад, ки масъалањои љањонгардї дар Эронро инъикос менамоянд.

١. Моњномаи хабарии иттиллоърасонї - иљтимоии «Љањонгардон»

моњи фарвардини соли ١٣٧٦ аввалин шумораи худро бо тирожи ١٥ њазор нусха ба табъ расонид. Забони маљалла форсї аст ва теъдоди сањафоташ ٩٦-١١٢ мебошад. Дар намоиши тасовир аз рангњо истифода мешавад. Дар моњнома навъи матолиби мусоњиба, ахбори њавзаи гардишгарї , муаррифии љозибањои гардишгарии Эрону љањон ва таблиѓи ожонсњои хадамоти мусофиратї гирд оварда шудааст. Сойти интернетї надорад.

٢.Моњномаи хабарии пажўњишии «Сафарнома» соли ١٣٨٦ бо тирожи ٣ њазор нусха аввалин маротиб нашр шудааст. Забони моњнома форсї - инглисї буда, навъи матолибњои он маќола, муаррифии љозибањои гардишгарии Эрону љањон ва таблиѓи марокизи хадамоти рифоњї мебошанд. Теъдоди сањафоти он ٧٠ адад аст ва дар намоиши тасовир аз ранг истифода мешавад. Дорои сайти интернетї мебошад.

٣.Моњномаи «Гардишгарї » низ аз љумлаи маљаллотест, ки аз соли ١٣٨٦ бо теъдоди аз ٥ њазор то ١١ њазор ба нашр шурўъ кардааст. Забони моњнома форсї - инглисї буда, маќола, муаррифии љозибањои гардишгарии Эрон, ахбори њавзаи гардишгарї , таблиѓоти ожонсњои хадамоти мусофиратї навъњои асосии матолиби он ба шумор мераванд. Ва барои алоќамандони маљалла сойт фаъол гардонида шудааст.

٤.Фаслномаи «Мероси миллї» (фаслномаи тахассусиву меросии фарњангї) соли ١٣٨٧, бо тирожи ٨ њазор нусха ва бо забони форсї ба табъ мерасад. Дар ин фаслнома танњо маќола интишор мешавад. Сойт надорад. Ранг дар намоиши тасовирот истифода мешавад ва ١٧٢ сањифа иборат аст.

٥.Фаслномаи «Музейњо» бошад, интишораш аз соли ١٣٦٠ оѓоз ёфтааст. Ин фаслнома бо тирожи ٣ њазор нусха, дар њаљми ٨٠ сањифа ва бо забони форсї дастраси хонанда мегардад. Дар он асосан маќола, гузориш, љозибањои торихии Эрон ва љањон нашр мегарданд. Сойт надорад. Дар намоиши тасовирот рангњо истифода мешаванд.

٦.Моњномаи сафар, гардишгарї ва њамлу наќл бо номи «Љодаи сабз» аз соли ١٣٨٣ бо теъдоди ٢٥٠٠ нусха чоп мешавад. Забони маљалла форсї буда, навъњои матолиби он мусоњиба, гузориш, таблиѓоти ожонсњои хадамоти мусофиратї мебошанд. Дар ин маљалла низ рангњо дар мавриди намоиши тасвирот истифода мегардад. Шумораи сањифот ٦٠ адад буда, сойт надорад.

٧.Фаслномаи «Яли фирўза» аз соли ١٣٨٢ бо забони форсї дастраси хонандаи худ буда, бо тирожи ٦ њазор нусха чоп мешавад. Мусоњиба ва маќола навъњои асосии матолиби маљалла мебошад. Рангњо дар тасвирот истифода мешаванд. Маљалла аз ١٨٠ сањифа иборат аст. Сойт надорад.

٨.Моњномаи «Сафар» бо теъдоди ٩ њазор нусха ва бо забони форсї аз соли ١٣٨٠ нашр мешавад. Навъњои матолиби маљалла маќола, гузориш, муаррифии љозибањои туристї ва фарњангии Эрон, таблиѓоти ожонсњои хадамоти мусофиратї буда, теъдоди сањифоти он ٨٤ адад мебошад.

٩.Моњномаи «Ќашам» бо тирожи ٢٥٠٠ то ١٠٠٠٠ нусха аз соли ١٣٧٣ омадааст. Забони моњнома форсї мебошад. Ахбор, гузориш, мусоњиба, муаррифии љозибањои туристии Эрон, таблиѓоти ожонсии хадамоти мусофиратї навъњои матолиби он њастанд. Бо рангњои сиёњ ва сафед дар њаљми ٦٥ сањифа нашр мегардад.

١٠. Моњномаи байналмилалии «Гардишгари Ховари Миёна» соли ١٣٨٦ аввалин маротиба интишор гардид. Айни замон бо тиражи аз ٧٠٠٠ то ١٥٠٠٠ бо забони форсї чоп мешавад. Дар он асосан навъњои матолиби маќола, муаррифии љозибањои туристии Эрон ва љањон, таблиѓоти ожонсињои хадамоти мусофиратї мунъакис шудаанд. Сойт дорад ва рангњо дар тасвирот истифода мешавад. Сањафоти он ٧٠ адад мебошад.

١١. Моњномаи «Мусофирон» сертирожтарин нашрияи гардишгарї ва њутелдорї , ки бо теъдоди ١٦ њазор адад ба табъ мерасад, аз соли ١٣٨٧ арзи њастї дорад. Забони нашрия форсї -инглисї буда, дорои сойт аст. Маќола, муаррифии љозибањои туристии Эрон ва љањон, таблиѓоти марокизи хадамотї -рифоњї ва хидмати мусофиратї навъњои матолиби он мебошад. Аз ١٢٤ сањифа иборат буда, дар тасвироти он рангњо истифода шудаанд.

Нукоти муҳиме, ки дар интихоби ин нашрияҳо мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифт, ба шарҳи зер мебошад:

١. таърихчаи ин нашрияҳо ҳадди ақал марбут ба ٢٠ соли гузашта мешавад, ки ҳамакнун низ фаъолона дар кори чопу интишори рӯзномаву маҷалла кор мекунанд. Ба унвони мисол рӯзномаи «Иттилоот» аз соли ١٣٣٣ ва маҷаллаи моҳномаи «Ҷаҳонгардон» аз соли ١٣٧٦ то кунун ва соири маҷаллаву рӯзномаҳо низ таърихи нашри онҳо ва хидмати онҳо дар таҳқиқ омада аст.

٢. ин нашрияҳо дорои маҷузи расмӣ аз давлат ҳастанд ва баъзан барои мавзӯи таҳқиқот бо доштани архиви муназзам ба унвони референс барои ҷомеаи матбуоту донишгоҳӣ дорои эътибор ҳастанд.

٣. Даккаҳои фурӯши матбуотӣ дар дохили кишвар ва низ сафоратхонаҳои Ҷумҳурии исломии Эрон дар фурӯши маҳсулоти ин нашрияҳо фаъол ҳастанд.

٤. ин нашрияҳо баъзан ба ду забон, форсӣ ва англисӣ мавзӯҳои таблиғотӣ дар хусуси туристро чоп менамоянд.

٥. қариб ба иттифоқи ин рӯзномаҳо ва нашрияҳо комилан давлатӣ ва таҳти ҳимояти давлат ҳастанд ва теъдоде ҳам аз онҳо тақрибан нимадавлатӣ ҳастанд ва барои фурӯши маҳсулоти худ аз молиёти маъоф ва коғази чопи арзон (ранга ва бо кайфият) дарёфт менамоянд.

٦. дар ин нашрияҳо (акс, оморҳои гардишгарон, суроғаи марказҳои туристӣ, суроғаи меҳмонхонаҳо, мақолаҳо перомуни аҳамияти санъати туристӣ, мусоҳибаҳои умумӣ бо туристҳо ва мусоҳибаҳои тахассусӣ бо мутахассисони мавзӯи рӯзноманигорӣ ва таблиғоти мудирони созмонҳои гардишгарӣ сурат мегирад.

٧. иттилооти муфид перомуни ҳамоишҳои тахассусӣ дар хусуси мавзӯи гардишгарӣ дар қолаби гузоришоти тахассусӣ чоп мешавад.

Асомии рӯзномаҳо ва маҷаллаҳои интихобшуда тавассути пажӯҳишгар, ки дорои стандартҳо ва шароити фавқ мебошанд, ба шарҳи зер аст:

-моҳномаи хабарии пажӯҳишӣ- «Сафарнома», рӯзномаи «Ҳамшаҳрӣ» , рӯзномаи «Ҷоми Ҷам», рӯзномаи «Иттилоот», моҳномаи «Гардишгарӣ», фаслномаи Мероси миллӣ - Фаслномаи тахассусии созмони мероси фарҳангӣ ва гардишгарии Эрон, фаслномаи «Мавзеъҳо», моҳномаи сафар, гардишгарӣ ва ҳамлу нақл –«Ҷодаи сабз», фаслномаи

«Пули фирӯза», ду моҳномаи мусофирон, нашрияи ҳутелдории Эрон, моҳномаи «Сафар», моҳномаи байналмилалӣ –«Гардишгарони Ховари Миёна», нашрияҳои тахассусии созмони гардишгарӣ ва мероси фарҳангии Эрон -«Табиат», моҳномаи хабарии иттилоърасонӣ, иҷтимоии «Ҷаҳонгардон», фаслномаи илмии «Табиатгардї»

Аз боби дуюми рисола чунин натиљабардорї намудем: Санъати гардишгарї бо таваљљўњ ва ањамияте метавонад дар чархи иќтисодии кишвар ва њамчунин гардиши сармоя ифода кунад. Замоне чанд аз умри ин санъат нагузашта ва бисёр љавон аст, ки ин масъала дар таваљљўњи расонањо, аз љумла матбуот ва љароид низ таъсир гузоштааст. Ва ин дар њоле аст, ки ба љузъи мавориди мањдуд ва истисно нињоятан аз дањ то дувоздањ сол аз умрашон намегузарад.

Њамчунин навпо будан, пойин будани шинохт ва огањї нисбат ба ин мавзўъро ба дунбол дошта ва метавонад тирожи пойин адами истиќболи љомеаро дар иртибот ба он тавзењ кард.

Шояд ба далели њамин пойин будани мизони шинохти љомеа нисбати мавзўъ ва нашриёти тахассусї аст, ки мавзўоте, ки аз ин њавза дар нашриёти ѓайритахассусї ба таври иттифоќї дарљ мешавад, бештар мавриди таваљљўњ ќарор мегирад. Таваљљўњ ба адами огањии мухотибон нисбат ба ин нашриёти тахассусї ва мавзўъоти онњо корро ба љое мерасонад, ки камбуди мизони фурўши онњо боис мешавад дар ёфтани онњо дар созмонњо ва идороти мутаваллии ин амр бисёр осонтар аз дўконњои рўзномафурушї бошад. Ва дастрасии он бахши кўчаки муштоќи ин њавзаро низ мањдудтар мекунад. Бинобар ин ба назар мерасад, ки барои њалли ин мушкил ниёз ба як барномарезии систематик дар љињати муаррифї ва эљоди шинохти љомеа нисбат ба ин мавзўъ эњсос мешавад.

Хамон тавре дар ибтидо ба он ишора шуд, Эрон аз љумлаи кишварњое њаст, ки њам аз љињати мавќеияти љуѓрофиёї дорои танавъ ва иќлими мутафовит аст ва њам бо таваљљўњ ба собиќаи кўњанфарњанг ва тамаддун дорои осори торихї ва бостонии фаровоне мебошад. Ва аз он љое, ки инсони имрўз беш аз њар замони дигар ѓарќ дар зиндагии мошинї аст, метавон бо огоњибахшї аз тариќи матбуот ба таври муфид ва муассире онњоро нисбат ба манобеи табиии бештар огањ кард ва дар љињати рушду густариши туризм онњоро њам ба майдони мушорикат кашид. Ва њам ин ки онњоро нисбат ба фарњангу тамаддуни деринашон бештар шинос кард то битавонанд бо рўњияи боло ва эътимод ба нафси бештаре дар љињати бењбуди шароити љомеашон гом бардоранд.

Бо баррасињои анљомшуда ва тањлили илмї байни рўзномањо ва маљаллот дар хусуси турист фаъолият мекунанд, нукоте њосил шуд, ки ба бархе аз онњо ишора мегардад.

١. ٧٦ % аз ин маљаллот ва рўзномањо адреси марокизи туристиро таблиѓ намудаанд.
٢. ٤١, ٢٪ аз ин маљаллот фаќат ба забони форсї ва англисї дар мавриди турист чоп мешаванд.
٣. ٤٧،١ % аз ин нашриянњо дар муаррифии љозибањои туристии шањрњои бузурги Эрон иќдом намудаанд.
٤. ٥٨،٨ % аз ин нашриёт дар сафоратхонањои ҶИЭ дар хориљ аз кишвар барои таблиѓи турист пањн мешавад.
٥. ٢٥ % ин нашриёт бо коѓази ранга ва кайфияти олї нашр мешавад.

٦. ٨٠ % аз ин нашриёт дар сутуни назарсанљї перомуни афзоиши эътимоди сайёњон, ба иттилоърасонии муфид аз тариќи таблиѓоти матбуот нумреи хуберо касб накардаанд.

Барои дастёбї дар роњкорї дар љињати таваљљўњи бештар ба ин амр бањси худро бо чанд пешнињод ба поён мерасонем:

١. Таљдиди назар дар ќавонину муќаррароти матбуот ба манзури рафъи мавонеъ барои интишори нашриёти бештар дар ин њавза.

٢. Густариши ройзанињои фарњангї ба манзури љазби туризмњои хориљї ва эљоди муњаррик дар нерўњои дохилї.

٣. Таваљљўњи бештари нашриёти мављуда нисбат ба соир забонњои дунё. Аз љумла: русї, арабї, инглисї ва ѓайра.

٤. Таваљљўњи масъулон нисбат ба рафъи мавонеъи зерсохти тавсиаи шабакањои интернетї ба манзури эљоди танавўъ ва љаззобияти бештари нашриёт ба сурати маљозї.

Боби сеюми рисола «Таъсири расонањо, ба вижа матбуоти таблиѓотї барои љазби турист аз нигоњи љомеаи интихобии тањќиќ» номгузорї шудааст. Дар ин боб, ки бештар аз пурсишнома кор гирифта шудааст, дар њаќиќат бо таваљљўњ ба ин ки пурсишнома мавриди истифодаи стандарт будааст, эътибори он собит шудааст. Дар танзими пурсишнома аз мутахассисон ва барномарезони таблиѓоти љањонгардї дар Илова бар ин озмуни муќаддамотї сурат гирифта, ба теъдоди ду дар сади намунањо пурсишномаи бахши давлатї ва хусусї низ назархоњї шудааст. тавзеъ ва љамъоварї шуд, саволоти номафњум бознигарї гардид ва пурсишномаи нињої бо вироиши љадид тадвин гардид. Поёии пурсишнома бо истифода аз равиши «Алфаи Кромбах» мусоњиба шудааст. Ин равиш барои муњосиба њамоњангии даруни абзори андозагирї, аз љумла пурсишномањо ё озмуннњое, ки хасисањои мухталифро андозагирї мекунанд, ба кор меравад.

Таљзия ва тањлили натиљањои њосила нишон медињад, ки бештари љањонгардон, ки ба кишвари Эрон мусофират намудаанд, аз лињози даромад ва гунашиносии љањонгардї дар табаќаи љањонгардони мутавассит (44,4%) ќарор доранд ва агар даромади солона камтар аз 3 њазор доллар амлоке барои љањонгардї камдаромад ба назар гирем, 43,5% аз љањонгардоне, ки ба Эрон мусофират кардаанд дар ин табаќа ќарор мегиранд.

Дар таљзия ва тањлили додањои тањќиќи њозир, њосил аз посухи ١٠٠٠ љањонгарди хориљї ва мутахассисони амри матбуоти таблиѓотї ва њомиёни марокизи гардишгарї дар Эрон мушаххас шуд, ки ١٥،٩ % аз љањонгардон таъсири мутолиаи китоб дар тарѓиби инсон барои мусофират ба Эронро хеле кам, ٢٨،٢٪ ин тасвирро њам ٢٨،٢ % мутавассит, ٩،١٪ зиёд, ٨،٦ % низ таъсири мутолиаи китоб дар тарѓиби шахс барои мусофират ба Эронро хеле зиёд донистанд.

٣٠،٩٪ љањонгардони мавриди мутолиа таъсири робитањои шуѓлї дар ташвиќ ва тарѓибашонро барои мусофират ба Эрон хеле кам, ٢٩،١٪ таъсири ин мутаѓайирро кам, ١٧،٧٪ онро мутавассит ٣،٧٪ зиёд ва ٣،٢ фоиз низ таъсири даъватномаи сафар дар тарѓибашон барои мусофират ба Эронро хеле зиёд донистаанд.

٦٢،٤٪ аз љањонгардон низ таъсири даъватнома дар ташвиќва тарѓибашон барои мусофират ба Эронро хеле кам, ٢٦،١٪ онро кам, ٤،٦٪ мутавассит ٣،٧٪ зиёд ва ٣،٢٪ хеле зиёд донистаанд.

٦،٨ фоиз аз чањонгардони мавриди мутолиа таъсири расонањо ва равишњои таблиѓотї дар тарѓибашон барои мусофират ба Эронро хеле кам, ٢٤،١٪ таъсири инро кам,٤٨،٢ % онро мутавассит ва ٢٠،٥٪ зиёд ва ٠،٥ фоиз хеле зиёд донистаанд. Дар баррасии миёнгии авомили муассир бар тарѓиби љањонгардон мушаххас шуд, ки фаќат тавсиаи

дўстон бо миёнгини ٣،٢٩ % дар тарғиби ҷаҳонгардон барои сафар ба Эрон муассир буда (тақрибан дорои таъсири зиёд) ва соири авомил дорои таъсир буда, лекин муассир воқеъ нашудааст (таъсири зиёд надоштааст), бинобар ин бо баррасии миёнгини таъсири расонаҳо ва равишҳои таблиғотї ки ٢،٨٤٪ буда, мушаххас мешавад, ин омил низ дар тарғиби ҷаҳонгардон барои сафар ба Эрон дорои таъсир буда, лекин таъсири зиёд надошта ва наметавонем фарзи вуҷуди робитаро ба сурати қатъї таъйид намоем.

Аз посухгўён савол шуд, ки кадом як аз расонаҳо ё равишҳои таблиғотї дар тасмим ва тарғиби шумо барои сафар ба ин кишвар бештар муассир будааст?

Натиҷаҳо дар ин замина нишон медиҳад, ки ٢ фоиз аз ҷаҳонгардон бештар расонаи радиоиро барои тарғибашон ба мусофират ба Эрон муҳим донистаанд.

Соири натиҷаҳо низ ба қарори зер аст: ١٦،٣фоиз телевизон, ٢١،٢ фоиз рўзномаҳо ва маҷаллот, ٣٧،٤ фоиз интернет, ٤،٩ фоиз почта, брошур ва каталог, ١٦،٣ фоиз таблиғоти миёнаи фардї ва ٢ фоиз ҷаҳонгардон низ намоишгоҳҳо ва конфронсҳои ҷаҳонгардиро муҳимтарин расона дар рағбаташон ҷиҳати мусофират ба Эрон донистаанд. Бинобар ин интернет муҳимтарин расона дар тарғиби ҷаҳонгардон буда, ва масъулини муҳтарам пешниҳод мешавад барои ҷазби ҷаҳонгард ба Эрон бештар аз ҳар расонае бар рўи интернет барномарезї намоянд. ٦٦،١ % аз афроди мавриди мутолиа изҳор намудаанд, ки шабакаҳои радиоии Ҷумҳурии Исломї ба сурати хеле кам онҳоро барои мусофират ба Эрон тарғиб намудааст, ١٣،٨٪ мўътақиданд ба сурати кам, ١٧٪ гузинаи мутавассит, ٣،٢٪ гузинаи зиёдро интихоб намудаанд.

**Дар хулосаи рисола натиҷаҳои бадастомада аз таҳқиқ ифода гардидааст.** Дар ин пажўҳиш талош гардидааст бо таҳлили мўҳтавои куллияи нашриёти эронї, ки дар тарғиби сайёҳони хориҷи ба Эрон муваффақ амал намудаанд ва ҳамчунин марокиз ва созмонҳои туристї, ки бо истифода аз вебсайтҳои тахассусї омори сайёҳон ва боздидкунандагон аз марокизи таърихї ва бостонии Эронро афзоиш диҳанд, ба таври илмї натоиҷи оморҳои бадастомада аз ҷадидтарин равишҳои омории SPSS ва Tebsin таҳлили кайфї ҳосил гардидааст ва нақшаҳои пешниҳодии пажўҳишгар дар ҷиҳати тарғиби бештари сайёҳон барои мусофират ба Эрон тарроҳї гардидааст. Дар ин нақшаҳои ҷадид таомулот ва иртиботот ва ҳамчунин вазоифи созмонҳои қонунгузор дар ҷалби счайёҳ, созмонҳои гардишгарї ва нашриёт ва марокизи матбуотї мушаххас шудааст. Муҳаққиқ чунин пешниҳодҳоро барои расонаҳои таблиғотї ва созмонҳои қонунгузорї ироа доштааст:

١. Расонаҳо ва шеваҳои таблиғотии ҷадид имконот ва абзорҳои матлубї барои ифои нақши муассир ва пуштбоникунанда дар заминаи тавсиаи ҷаҳонгардї мебошад. Таҷаруби мухталифи кишварҳои дигар низ нишон медиҳад, ки дар сурати татбиқи васоили иртиботи ҷамъї ва шароити хоси иҷтимої метавон корманди расонаҳоро дар ҷиҳати аҳдофи ҷазби турист ва тавсиаи ҷаҳонгардї афзоиш дод. Бо таваҷҷўҳ ба натоиҷи таҳқиқї, пешниҳод мегардад шароити муваффақияти расонаҳо ва равишҳои таблиғотї дар мавриди зайл риоят гардад:

а) паёми таблиғї ва воқеият татбиқ кунад ва боварпазир бошад.

б) паёмдиҳанда мўътабар ва боварпазир бошад.

в) паёми таблиғ ба воситаи роҳбарони афкор пазируфта шавад.

г) паём ва расона бо якдигар ҳамсоз бошад.

ғ) иртиботи таблиғии дусўя бошад ва мўҳтавои паём ва ироаи он ба таносуби ниёзҳо ва дархостҳои мутаҳаввили мухотабон (ҷаҳонгардон) ба таври мустамир таҷдиди назар шавад.

٢. Барномаҳои расонаҳои таблиғотӣ мазмуни дуҷониба дошта бошад, то мухоттабон ҳолати бениёзи аз сафар дарёфти иттилоотро пайдо накунанд, ҳамакнун иттилооте, ки тавсиаи бархи аз расонаҳо ва шеваҳои таблиғӣ ба мухотабон ироа мешавад, метавонанд онҳоро аз сафар бениёз кунанд.

٣. Вазифаҳо ва ҳадафҳои расонаҳо ва равишҳои таблиғӣ дар бахши иттилоърасонӣ ва тарғиби мухотабон (ҷаҳонгардон) тафкик шавад ба наҳве ки аз як сӯ ҷаззобиятҳо ва алоқаи сафар, ва аз сӯи дигар иттилоот мавриди ниёз барои суҳулати сафарро ироа диҳад.

٤. Ҳамчунин, ки дар ин таҳқиқ мушаххас шуд, зарфияти ҷаҳонгардии кишварӣ бисёр болотар аз амалкарди ҷорӣ дар ҷазби ҷаҳонгардони хориҷӣ ба кишвар аст. Бинобар ин барномаҳои таблиғотӣ ҷиҳати муаррифии ҷозибаҳои ҷаҳонгардии Эрон бояд тақвият ва тавсиа ёбад. Натиҷаи дигари ин таҳқиқ низ нишон дод, ки бахши қобили таваҷҷӯҳи аз ҷаҳонгардон аз тариқи дигар ба ғайр аз таблиғот ба Эрон мусофират карданд дар ҳоле, ки дар мавриди дар кишварҳои муваффақ дар ҷазби турист таблиғот нақши бисёр муҳимтарро дар ин замина ба ӯҳда доштааст.

٥. Ҳамон гуна, ки натиҷаи ин таҳқиқ нишон дод, назари бисёри аз ҷаҳонгардон дар мавриди амнияти фардӣ ва иҷтимоӣ ва эҷоди оромиши хотир қабл аз сафар ба Эрон тақрибан мутавассит будааст, ки лузуми таваҷҷӯҳ ба афзоиши мизони эҷоди эҳсоси амният ва оромиши зотӣ дар ҷаҳонгардон аз тариқи бахши огаҳиҳои таблиғотӣ ба таҳияи филму репортажҳои телевизионӣ ва пахши он дар кишварҳои дигар зеҳнияти ҷаҳонгардонро аз адами вуҷуди амнияти фардӣ ва иҷтимоӣ аз кишвари Эрон аз байн мебарад.

٦. Натиҷаи пажӯҳиш баёнгари ин аст, ки ҷаҳонгардон, ки ба Эрон мусофират кардаанд ба мизони кам аз тариқи намоишгоҳҳои ҷаҳонгардӣ ҷиҳати мусофират ба ин кишвар тарғиб шудаанд, бинобар ин пешниҳод мегардад, ки ба мавзӯи ҳузур дар намоишгоҳҳои байналмиллалӣ таваҷҷӯҳи бештаре шавад. Намоишгоҳҳои байналмиллалии маҳаллӣ барои арзаи маҳсулоти ҷаҳонгардӣ ва фурсати муносибе барои огоҳӣ ва ошноии ҷаҳогардон бо вижагиҳо ва ҷозибаҳои фарҳангии ин кишвар мебошад. Ҳузур дар намоишгоҳҳо фурсате аст барои тақвият ва иртиқои симо ва тасвири умумии кишвар то ба ин васила бар рӯшанӣ нишон дода шавад, ки мақсад чи чизеро арза менамояд, ҳамчунин ҳузур дар ин намоишгоҳҳо анҷоми фаъолиятҳои таблиғӣ ва робитаҳои умумии муфид ва бо арзишеро мумкин сохта ва мӯҷиби густариши иртибототи инсонӣ ва таблиғоти миёни фардӣ (мустақим ва чеҳра ба чеҳра) мешавад.

٧. санъати ҷаҳонгардӣ рӯз аз рӯз дар иқтисоди ҷаҳонӣ нақши муассир ифо мекунад. Бино ба пешбинии соҳибназарон ҷаҳонгардӣ дар қарни ҳозир ба санъати шумораи як ҷаҳон табдил хоҳад шуд. Кишварҳое, ки ба ин мавзӯи муҳим пардохтаанд ва дар ростои тавсияи ҷаҳонгардӣ гом бармедоранд дар оянда саҳми болотаре аз бозори ҷаҳонгардиро ба худ ихтисос хоҳанд дод. Пай бурдан ба аҳамияти ҷаҳонгардӣ ва тавсиаи он аз тариқи созмонҳои миллии ҷаҳонгардӣ ба унвони ҳимояткунандаи ҷараёни ҷаҳонгардӣ вобаста ба дарназар гирифтани буҷаи муносиб ва афзоиши қудрати созмонӣ барои ин созмонҳо аст.

Буҷаи созмонҳои миллии ҷаҳонгардии Эрон ҳамакнун мутаносиб бо вазифаҳо ва мавридҳои ниёзи ин санъат набуда ва имкониятҳои лозимро барои тавсиаи он фароҳам намекунад. Ба иловаи ин, ки буҷаи созмони мазкур ба фаъолиятҳои зиёде саршикам меравад ва бахши каме аз он ба манзури иртиқои фурӯш ва таблиғот ихтисос ёфтааст, бинобар ин пешниҳод мегардад ҷиҳати афзоиши қудрати созмонӣ, ки машрӯияти созмониро низ дар пай хоҳад дошт ва ҷилавгирӣ аз теъдоди марказҳои тасмимгир дар ҳавзаи ҷаҳонгардии кишвар, созмони миллии ҷаҳонгардии кишвар ба як вазоратхона ё

муовинате вобаста ба раёсати љумњурї табдил ва буљаи созмонї ба вижа буљаи таблиѓотии он мутаносиб бо густураи фаъолиятњои он афзоиш ёбад.

۸. Таъсиси дафтари вижаи таблиѓот ба љалби сайёњи эронї дар кишварњои муњими љањонгард, монанди Русия, Амрико, Олмон, Фаронса, Британия, Утриш, Итолиё, кишварњои арабї ва бисёри дигар аз кишварњое, ки заминаи љазби турист ва њамкорињои байналмилалї, гардишгарї ва таблиѓоти љањонгардї дар он манотиќ вуљуд дошта бошад.

۹. Таомул ва њамкорї бо созмони љањонии љањонгардї љињати истифода аз имконоти матлуб ва мушовараи он созмон дар омўзиши шевањои навин ва асарбахши таблиѓоти љањонї.

۱۰. Даъвати созмони миллии љањонгардї, муассисот ба дафтари мусофиротї ва љањонгардии кишвар аз мудирон, барномарезон ва рўњнамоён дафтарњои мусофиратї ва љањонгардии байналмилалї ва хабарнигорони хориљї љињати боздид аз љозибањои љањонгардии кишвар ба далели таъсири фаровони таблиѓоти мустаќим ва тавассути ин афрод дар тарѓиби љањонгардон барои сафар ба Эрон. Њамонгуна, ки ёфтањои ин тањлил нишон дод таблиѓоти миёнифардї метавонад наќши муассире дар љазб ва тарѓиби љањонгардон ба кишвар ифо кунад.

۱۱. Эљод ва афзоиши тањсилоти академї дар заминаи омўзиши саноеъи љањонгардї, ки дар шохањои бисёре аз ќобили тарбияти турлидерњо барномарезї тарњ ва иљро, омўзиш ва мавриди дигар мебошанд. Наќши босазое дар ба рўз шудани ин санъат ва аќиб намондан аз илми рўз ва кўмак ба тавсиаи ин санъат азимї дорад. Њамчунин аз ин тариќ метавон аз устодњои баном ва мўътабари хориљї (мубодилаи устод ва донишљў) низ истифода намуд.

۱۲. Талош дар љињати ба коргирї бењтар аз модел ва алгуи ироашуда, ки натиљаи кори ин тањќиќ мебошад, ба унвони алгуи муассир барои истифода аз таомул ва иртиботи танготанги байни расонањо ва љомеа ба вижа марокиз ва дастгоњњои гардишгирї ва туристї ва матбуотї.

**Барои анљоми кори таблиѓотии густурда ва табиини алгуи матбуоти таблиѓотї дар баланд бардоштани санъати гардишгарї намунаи як наќшаи љомеъ барои экотуризми пок ироа мегардад.**

Мушорикат додани гардишгарони маҳаллї ё бумї дар тасмимгирињо ва барномарезињо барои бањрабардорї ва тавсиаи гардишгарї дар љињати афзоиши рифоњ ва саодати онон ва расидан ба тавсиаи пойдории кишвар.

Як гардишгарии пойдор аз назари иљтимої, фарњангї, иќтисодї ва муњитзистї ё тавсиаи пойдор дар гардишгарї.

Як рўйкарди муфид, муассир ва љомеъ, барои њифз, бозсозї ва тавсиаи мерос ва захирањои табии экотуризмњо, (зистгоњњо ва танаввуъи зистї), бо таваљљўњ ба масоили фарњангї, зебої ва манзар ва бо ороиш кардани онњо

Як таомули мантиќї ва дутарафа байни мудирони расонањо ва санъати турист.

Як шуѓл ва даромадзої (пойдор) бо њадди аќали сармоягузорї тавассути љомеањои маҳаллї ё бумї ва бахши хусусї, бо тавзеи одилонаи даромадњо.

Як нигоњи љомеъ дар фароянди расонањои таблиѓотї

Расидан ба дониши матбуотии мутаолї.

Афзудани дониши умумї ва шиносонидани мероси табии-фарњангї ба гардишгарон, мизбонон ва тарвиљи фарњанги экотуризм .

**Мушаххасот (экотуризм) ё (гардишгарии по) дар як нигоњ (матбуоти таблиѓотї ва гардишгарї) (Иртиботи чандваљњї байни њамаи инњо**

Даромадзои пойдор барои органњо ва созмонњои матбкотї ва гардишгарї ва афзоиши тавлиди нохолиси миллии кишвар бо кумаки санъати турист. (фарњангїѓагардишгарїдар хидмати

Ба коргирии наќшаи иртиботи мутаќобили матбуот ва расонањои таблиѓотї бо гардишгарї. (Рošњандозии расонањои диљитолї)

Эњтиром ва таваљљўњ, вижа ба тавлиди илми гардишгарї (бумисозии фарњанги экотуризм)

Таваљљўњ ба роњандозии дурусти гардишгарї ва матбуоти таблиѓотї дар донишгоњњо ва њимоятњои ќавонини давлатї ба муассисоти гардишгарї

**Муњимтарин нуќоти рисола дар китоб ва маќолањои зерини муњаққиқ ба чоп расидааст :**


١. Искандарї Н. Равобити умумї дар дунёи муосир бо таваљљўњи гардишгарї. – Исломшаҳр: Интишороти Донишгоњи озоди Исломшањр, ١٣٨٨. (бо забони форсӣ).

٢. Искандарї Н. Иртибототи инсонӣ ва нақши он дар санъати турист.- Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи озоди исломӣ ١٣٨٩, (бо забони форсӣ).

٣. Искандарї Н. Нақши матбуоти таблиғотӣ дар ҷалби турист. //Фаслномаи илмии табиатгардӣ.-Теҳрон, ١٣٨٧ (٢٠٠٩).- С. ٢٤ -٣٢. (бо забони форсӣ).

٤. Искандарї Н. Нақши расонаҳои ҷамъӣ дар афзоиши таомулоти фарҳангӣ ва гардишгарӣ да тавсеаи Эрон// WSEAS-E- Library and of Journals of WSEAS, Greece, ٢٠٠٩.- С. ٣٠-٤٠. (бо забони англисї).

٥. Искандарї Н. Нақши расонаҳои ҷамъӣ дар афзоиши фарҳанги тавлиди илм»./Тавлиди илм ва ҷунбиши нармафзорӣ ва озодандешӣ дар Эрон. -Караҷ: Интишороти Донишгоҳи озоди исломии воҳиди Караҷ, ١٣٨٨ (٢٠٠٧).- С. ٥٩-٨١).

٦. Искандарї Н. Таъсири фанноварии иртиботот дар иқтисоди расона ва санъати турист»./Ҳамоиши мудирият ва иқтисоди расона.-Дамованд: Интишороти Донишгоҳи озоди исломии воҳиди Дамованд, ١٣٨٨ (٢٠٠٩).- ١٠

٧. Искандарї Н. Наќши IT дар иштиѓол ва бањрабардории нерўи инсонї» (махсусан дар марказњои гардишгарї).//Паёми Донишгоњи миллии Тољикистон.- Душанбе, ٢٠١٠.- № ٤.

٨. Искандарї Н. Ҳуввияти фардї ва фарњангии љомеа дар асри моњвораї.// Паёми Донишгоњи миллии Тољикистон.- Душанбе, ٢٠١٠.- № ٤.

٩. Искандарї Н. Баррасии вазъи сайёњї дар Ҷумњурии исломии Эрон бо таваљљўњ ба наќши матбуоти таблиѓотї дар љалби сайёњон.//Паёми Донишгоњи миллии Тољикистон.- Душанбе, ٢٠١٠.- № ٤.

١٠. Искандарї Н. Технолољии ICT дар фарњанг ва љалби сайёњон.//Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.// Душанбе, ٢٠١٠. -№٤.